Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ», ки ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ки ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-январи соли 2022, таҳти №15/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Диссертатсияи номзадии Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба яке аз масъалаҳои мубрами мурофиаи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур дар партави рушди босуръати соҳаҳои гуногуни ҷомеа, аз ҷумлаи соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ, ҷаҳонишавӣ ва инчунин тағйирёбии низоми ҳуқуқии кишвар омода шудааст. Бо назардошти қабул гардидани як зумра қонунҳо, кодексҳо, барномаҳои сатҳҳои гуногун дар ҳудуди Ҷумҳурии

Тоҷикистон интихоби мавзуи интихобгардида аз ҷониби диссертант аҳаммияти назариявӣ ва амалиявиро соҳиб аст.

Қабул гардидани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 аз руйдодҳои таърихии халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Мусаллам аст, ки Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунанда муқарраротҳои ба давраи муосир ҷавобгӯйиро рӯйи кор оварда, падидаҳои нисбатан навро ба танзим даровардааст, ба мисоли преюдитсия (моддаи 89 КМҶ ҶТ). Дар баробари ин, падидаҳои дигари мурофиаи ҷиноятӣ, ба монанди истифода гардидани натиҷаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар раванди исбот, ворид гардидани иштирокчии нави мурофиа дар симои айбдоркунандаи хусусӣ, васею доманадор гардидани мавзуи исбот ва ғ. тағйир ёфтанд.

Бояд кайд кард, мубрамии таҳқиқи мавзуи интихобгардида дар асоси омили дигар низ асоснок карда мешавад. Амалияи тафтишӣ ва судӣ аз ин гуна тағйиротҳои ба вуқуъ пайваста дар канор буда наметавонанд, зеро то ҳадди имкон бояд қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ мутобиқ карда шаванд. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҷрибаи мақомоти тафтишӣ ва судӣ оморҳоеро пешниҳод кардааст, ки мавҷуд будани камбудиҳоро дар самти мазкур тасдиқ менамоянд. Рисоланавис масъалаҳои аҳаммиятноки марбут ба падидаи исботкуниро дар амалия мавриди таҳлил қарор дода, чиҳати ҳаллу фасли мушкилотҳои ошкоршуда, тавсияҳои судманд манзур кардааст.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти диссертатсионии Мадвализода Комёр Мадвалӣ аз лиҳози илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ кори мустақили илмӣ-тахассусӣ маҳсуб гардида, натиҷааш бахри қонунгузории мурофиавии ҷиноятии кишвар заминаи боътимод мегузорад. Лозим ба таъкид аст, ки кори мазкур аз аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳияшудае мебошад, ки анқариб

тамоми унсурҳои исботро (ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо) фаро гирифтааст. Бо вуҷуди бениҳоят васеъ будани мавзуи интихобгардида муаллиф тавонистааст, ки проблемаҳои ба падидаи исбот хосро мавриди омӯзиш қарор диҳад ва нисбати онҳо баҳои ҳуқуқии муносиб гузорад. Аз таҳқиқоти анҷомёфта пай бурдан мумкин аст, ки дар ҳақиқат рисолаи диссертатсионӣ пур аз навгониҳои илмӣ аст.

Муаллиф бамаврид қайд менамояд, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиноятҳое ба қайд гирифта мешаванд, ки ҷиҳати сари вақт ва пурра ошкор намудани онҳо рӯйкардҳои мухталифи исботкуниро мавриди истифода намудан зарур аст. Бахусус, ҷиноятҳо ба муқобили амнияти иттилоотӣ (м.м.298, 299, 300, 301, 302, 303, 304 КҶ ҶТ). Ин қабил ҷиноятҳо бо дарназардошти такмил ёфтани технологияи инноватсионӣ, тараққии бесобиқаи илму техника ва ғайри мақсаднок донишандӯзии ҷинояткорон дар соҳаи амнияти иттилоотӣ ба вуқуъ мепайвандад.

Ақидаи равшан, саҳеҳ ва ҳадафраси муаллиф дар робита ба сари вақт ва пурра ошкоршавии ҷиноятҳо шоистаи таҳсин аст. Унвонҷӯ зикр менамояд, ки падидаи исботкунӣ дар баробари содиршавии ҷиноятҳои характери «муосирдошта» бояд дар ҳоли рушд қарор дошта бошад, зеро маҳз руйкардҳои муосири илмӣ, мантиқӣ, техникӣ, иттилоотӣ василаи асосии исбот намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта маҳсуб меёбад (саҳ. 19 диссертатсия).

Ҳамзамон, муаллиф якчанд нуктаҳоеро қайд мекунад, ҷиҳати қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ аҳаммиятнок ба шумор меравад. Масалан, рисоланавис пешниҳод менамояд, ки мафҳуми исботкунӣ ва субъектони исботкунӣ дар доираи як модда дар таҳрири зерин ифода карда шаванд: «Исботкунӣ тарзу тартиби бо қонун муқарраршудаи фаъолияти таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд ва судя мебошад, ки ҷиҳати ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо бо мақсади муқаррар намудани ҳолатҳои барои парванда аҳаммиятдошта, ба амал бароварда мешавад».

Ҳамчунин, зарур мешуморад, ки қисми 2-и моддаи 85 КМҶ ҶТ ба таври зайл инъикос карда шавад: «Уҳдадории исботкунӣ ба зиммаи таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд вогузор карда мешавад. Дар раванди исботкунӣ гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, ҳимоятгар, ҷабрдида, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳо метавонанд иштирок намоянд» (саҳ. 34 диссертатсия).

Таҳқиқоти анҷомёфта ба муаллиф имкон фароҳам овардааст, ки хулосаи шоиста вобаста ба муқаррар кардани ҳақиқат дар доираи парвандаи ҷиноятӣ манзур намояд. Дар рисола қайд карда мешавад, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ муқаррар намудани ҳақиқат хоҳ мутлақ бошад хоҳ нисбӣ аз ҷинояти содиргардида, амалҳои бамаврид ва пайдарҳамии низомноки субъектони исботкунӣ вобастагӣ дорад. Яъне, дар бархе аз ҷиноятҳои содиргардида ҳақиқат метавонад, мутлақ ё нисбӣ муқаррар карда шавад.

Илова бар ин, муаллиф муқаррар кардани ҳақиқатро вобаста ба парвандаи ҷиноятӣ ба ду марҳила ҷудо намудааст: 1) марҳилаи тафтишоти пешакӣ, ки чун қоида, аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш ва прокурор ба амал бароварда мешавад; 2) марҳилаи судӣ ҳангоми ҳаллу фасл гаштани масъалаҳое, ки дар м.335 КМҶ ҶТ (масъалаҳое, ки суд ҳангоми баровардани ҳукм ҳал мекунад) пешбинӣ шудаанд, қисмати дуюми муқаррар кардани ҳақиқатро ташкил медиҳад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Натиҷаҳои илмии дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида, асоснок ва аз лиҳози мантиқӣ пайдарҳам рӯйи кор омадааст. Унвоҷӯ назарияҳо ва руйкардарҳои мавҷударо дар бобати падидаи исбот ҳамаҷониба таҳлил намуда, таҳқиқоти худро ҳамчун василаи ҳалли мушкилот дар ин самт муаррифӣ менамояд. Фарзияҳо ва мақсадҳои пешниҳодшудаи таҳқиқот аз вазифаҳои муҳимми илмӣ бармеоянд, ки ба маълумоти мавҷудаи назариявӣ ва эмпирикӣ асос ёфтаанд.

Илова бар ин, муаллифи таҳқиқот ба доираи васеи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла корҳои илмии классикӣ ва ҳам муосир дар ин соҳа

такя намудааст. Дар ин замина, чунин изҳор намудан мумкин аст, ки муаллиф мавзуи мазкурро ҳамаҷониба бо назардошти давраҳои гуногун мақсаднок рӯйи қалам овардааст.

Ҳамчунин, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавассути Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2018-2028), Барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2021 ва Қарорҳои Пленуми Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Хулосаҳои назариявие, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур манзур шудаанд, дар пешрафти илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, хусусан падидаи исботкунӣ бешубҳа мусоидат менамоянд. Муаллиф ҷанбаҳои асосии исботро аз қабили ҷамъ овардан, тафтиш ва баҳодиҳии далелҳо мавриди омӯзиш қарор дода, натиҷаҳои бадастомада барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ-назариявӣ аҳаммияти созгор доранд. Кори мазкур ҷиҳати ба низом даровардани консепсияҳои гуногуни назариявии исботкунӣ, ки дар ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ пешниҳод шудаанд, мусоидат менамоянд. Зиёда аз ин, маводҳои рисолаи диссертатсионӣ метавонанд дар ҷараёни таълим ҳангоми омӯзиши як қатор фанҳо, аз зумраи «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ» ва курси махсуси «Иштироки прокурор дар суд» мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он зоҳир мeёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқотро мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла мақомоти тафтишотӣ, судӣ барои беҳтар намудани амалияи ҷамъ овардани далелҳо, санҷидани далелҳо ва баҳодиҳии далелҳо ва инчунин барои қабул намудани қарорҳои мурофиавии дахлдор метавонанд васеъ истифода намоянд. Ҳамчунин, истифодаи руйкардҳо ва пешниҳодҳои судманди унвоҷӯ метавонанд ба сифати санадҳои судӣ таъсири мусбат расонанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Вобаста ба мавзуи диссертатсия ва мухтавои асосии он аз ҷониби муаллиф 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигари илмӣ ба табъ расидааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқот дар конференсияҳои илмии Донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявию байналмилалӣ инъикоси худро пайдо намудаанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари ҷанбаҳои мусбати диссертатсия, инчунин баъзе масъалаҳое низ ҷой доранд, ки баҳснок пазируфта мешаванд:

1. Дар саҳифаи 108-и диссертатсия унвоҷӯ чунин изҳор менамояд: «Дар заминаи суханони дар боло зикрёфта зарур мешуморем, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протоколи амали тафтишии муносиб тартиб дода шавад. Зеро таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нишон медиҳад, ки ҳангоми талаб карда гирифтани предмет ва ҳуҷҷатҳо танҳо маълумотнома ба корхона, ташкилот, муассиса, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ пешниҳод мегардаду халос. Аз ҳамин нуқтаи назар, ҷиҳати ба расмият даровардани предмет ва ҳуҷҷатҳо бояд аз ҷониби таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор ва суд протокол тартиб дода шавад. Дар протокол ба ғайр аз маълумотҳои муқаррарӣ (маҳал ва санаи тартиб додани протокол, вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол), инчунин вақт ва ҷойи супоридани предмет ва ҳуҷҷатҳо ва аз ҷониби кӣ қабул карда шудааст, бояд инъикос карда шавад». «Протоколи амали тафтишии муносиб» гуфта, муаллиф чиро дар назар дошта бошад? Аз муаллиф даъват ба амал бароварда мешавад, ки ақидаи худро дар ин хусус мушаххас намояд.

2. Дар саҳифаи 136-и диссертатсия муаллиф зикр менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2020) 20 парвандаи ҷиноятӣ ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст. Дар соли 2021 бошад, ин нишондод 11

ҳолатро ташкил медиҳад. Соли 2022 аз ҷониби судҳои ҷумҳурӣ 19 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 22 нафар асоснок ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудааст, ки ба мақомоти прокуратура 12 парвандаи ҷиноятӣ ва ба мақомоти ВКД ҶТ 7 парвандаи ҷиноятӣ рост меоянд. Вале, омори парвандаҳои ҷиноятие, ки ба тафтиши иловагӣ баргардонида шудаанд, барои солҳои дигар пешбинӣ нагардидааст. Ҳол он ки муаллиф дар қисмати заминаҳои эмпирикӣ қайд намудааст, ки: «Асоси эмпирикии таҳқиқоти мазкурро натиҷаҳои амалия ва омори Суди олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ноҳияҳои шаҳри Душанбе дар давоми солҳои 2017-2023 ташкил дода, аз ҷониби муаллиф ба таври паҳновар мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст». Ба мақсад мувофиқ мебуд, агар оморҳои солҳои дигар дар рисола инъикос мегардиданд.

3. Ҳангоми таҳлил намудани унсури ҷамъ овардани далелҳо (зербоби якуми боби 2, саҳ. 123) муаллиф менависад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ масъалаи истифодаи натиҷаҳои ФОҶ ба таври мукаммал ба роҳ монда нашудааст. Ҳол он ки дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ФОҶ ҷиҳати огоҳонидан, пешгирӣ ва ошкор намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизм, одамрабоӣ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ нақши бориз дорад. Аз ин лиҳоз, м.84 КМҶ ҶТ бояд аз ҷониби масъулин таҷдиди назар карда шавад. Дар мавриди мазкур муаллиф дуруст проблемаи татбиқ намудани истифодаи натиҷаҳои ФОҶ-ро қайд мекунад, аммо роҳҳи ҳалли мушкилотро дар ин хусус чандон бамаврид зикр наменамояд.

Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти анҷомёфта сатҳи баланди таҳлили мавзуъро нишон медиҳад ва эродҳои ишорагардида танҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи Мадвализода Комёр Мадвалӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Дараҷаи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя манзур шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию назариявӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамояд.

**Қисмати хотимавии тақриз.**

Дар маҷмуъ, дастовардҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада барои рушди қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти мақомоти тафтишотӣ, судӣ ва таҳким бахшидани падидаи далел ва исбот аҳаммияти муҳим доранд. Зеро дар доираи таҳқиқот масъалаҳое мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки дар илм, қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ баҳснок арзёбӣ мешаванд. Яке аз саҳмҳои муҳимтарини диссертатсияи мазкур дар васеъ намудани заминаҳои назариявии исботкунӣ ифода мегардад. Тавассути диссертатсияи муаллиф як қатор ғояҳо, асосҳо ва қонуниятҳои падидаи исбот аз ҷониби муаллиф асоснок гардида, барои таҳқиқотҳои минбаъдаи падидаи исбот метавонад заминаҳои боэътимод гузорад.

Тавсияҳои аз ҷониби муаллиф пешниҳодшударо мумкин аст барои таҳия намудани барнома ва консепсияҳои сатҳои гуногун васеъ истифода намуд. Дар баробари ин, натиҷаҳои диссертатсияи метавонанд дар раванди таълим ҳамчун барнома рӯйи кор оянд. Суханони зикргардида ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти анҷомёфтаро возеҳу равшан менамояд.

Ҳамин тавр, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Исботкунӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ: масъалаҳои назариявӣ, танзими ҳуқуқӣ ва мушкилоти амалӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Мадвализода Комёр Мадвалӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессор, декани факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии
Россия-Тоҷикистон Ҳамроев Ш.С.

**Имзои Ҳамроев Ш.С.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи славянии
Россия-Тоҷикистон Раҳимов А.А.

**Суроға: Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30, Тел.: (+992 37) 221-35-50, Email: rtsu@mail.ru, htpp://www.rtsu.tj.**

28.11.2024